**Тақризи**
**роҳбари илмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессор**
**Салимов Рустам Давлятович ба диссертатсияи**
**Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович дар мавзӯи «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 -Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович дар кафедраи забони франсавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ анҷом дода шудааст.

Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович соли 2006-ум Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, факултети забонҳои романӣ-германиро бо ихтисоси забонҳои хориҷӣ «Омӯзгори забонҳои франсавӣ ва англисӣ» хатм намудааст. Мавзӯи диссертатсионии Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)» аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ 03-юми апрели соли 2015 тасдиқ шудааст (суратҷаласаи №3/6.1-ОВ).

Муҳтаво ва натиҷаҳои диссертатсияи А. Маликов дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, байналмилалӣ [2013, 2014, 2015, 2016, 2018, 2020] ва дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар шакли маърӯзаҳои илмӣ гузориш шудаанд. Натиҷаҳои алоҳидаи рисола дар маҷаллаҳои илмӣ дар шакли 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ, ки ба руйхати маҷаллаҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионӣ (ВАК)-и Вазорати маориф ва илми Россия шомиланд, ба табъ расидаанд.

Муҳимияти рисола пеш аз ҳама дар набудани пажӯҳиши

мушаххас, ки ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи муқоисавии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ бахшида шудаанд, зоҳир мегардад.

Навигарии рисола дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсияи мазкур нахустин маротиба масъалаҳои назарӣ ва амалии хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқотро низ таъкид кардан зарур аст, зеро маводи он метавонанд ҳангоми таҳқиқоти муқоисавӣ ва типологии забонҳои дигар, ҳангоми таҳия ва навиштани грамматикаи амалии забонҳои муқоисашаванда ва дастурҳои таълимиву вожаномаҳо барои мактабҳои олӣ ҳангоми таҳияи курсҳои амалии забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ истифода шаванд.

Аз назари амалӣ диссертатсияи мазкур барои дарёфти маълумоти мушаххас ҳангоми омӯзиши сохтор, маъно, дараҷанокӣ ва роҳҳои сифатсозӣ дар раванди таълим мусоидат хоҳад кард.

Дар раванди кор, омӯзишу таҳқиқ ва таҳлили маводи ҷамъшуда, диссертант маҳорату малакаи хеле хуби ҷамъ овардану таҳлил намудан ва хулосабарории аз нуқтаи назарию амалӣ дақиқ ва судмандро нишон дод. Дар натиҷа, ба фикри мо, А. Маликов тавонистааст хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи сифатҳои аслиро дар забонҳои таҳқиқшаванда хеле мушаххас аз адабиётҳои бадеии ҳарду забон таъкиду баррасӣ намояд. Муҳаққиқ дар чандин мавридҳо далелу мисолҳоеро таъкид ва баррасӣ намудааст, ки дар адабиёти мавҷудаи илмӣ зикр нашудаанд.

Бояд таъкид намуд, ки диссертант ҳамчун мутахассис хеле хуб омода гардида, мавзӯи диссертатсияро ҳаматарафа омӯхта таҳқиқ кардааст, аз адабиёти илмии забоншиносии забонҳои таҳқиқшаванда пурра огоҳ аст ва мавзӯи таҳқиқро дар сатҳи баланди илмии забоншиносии муосир мавриди баррасӣ қарор додааст. Диссертатсияи муҳаққиқ сазовори баҳои баланд мебошад ва аз назари

техникӣ дар шакли зарурӣ таҳия гардидааст ва ба талаботе, ки нисбат ба навишти рисола пешниҳод карда мешавад, комилан ҷавобгӯй мебошад.

Маликов Абдулвоҳид аз вазифаи дар пешаш гузошташуда комилан баромадааст ва диссертатсияеро пешниҳод намудааст, ки ба фикри мо, ҳамчун роҳбари илмӣ, сазовори дараҷаи илмии номзади илми филология мебошад.

Доктори илмҳои филология, профессори
кафедраи филологияи руси Донишгоҳи славянии
Русияву Тоҷикистон Салимов Рустам Давлятович

Имзои Салимов Рустам Давлятовичро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи славянии
Русияву Тоҷикистон Алиев Амрохон Ҷумаевич
30. 03. 2020 с.